# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии № 14

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05.09.2023, № 1

Барои сазовор донистани Сафоев Абдумаҷид Каримович ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ. Диссертатсия дар мавзӯи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба ҳимоя 16 майи соли 2023 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №5.1 шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Айнӣ, 44, 29-уми ноябри соли 2022, №268/ш.д.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафоев Абдумаҷид Каримович 08 майи соли соли 1985 дар оилаи коргар таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик мебошад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2004 ба Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (пештара Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат) аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳсилро оғоз карда, донишгоҳи мазкурро соли 2009 бо дипломи аълочӣ хатм кардааст. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ соли 2015 дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (дар асоси маводҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо забони русӣ ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст. Аз соли 2009 то инҷониб ба ҳайси ассистент, омӯзгори калон, дотсенти кафедра ва декани факултет кор кардааст. Айни замон ба ҳайси мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва

фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Сафоев Абдумаҷид Каримович дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ аз 20-уми октябри соли 2022, суратҷаласаи №1 ва дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети баҳисобгирӣ-иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 27-уми январи 2023 суратҷаласаи №6/1 тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсия дар кафедраҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории факултети баҳисобгирӣ-иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ: Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло** - узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Низамова Туҳфамо Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти корхона ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Алиджанов Джамшед Абдукаюмович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар тақризи худ, ки аз ҷониби д.и.и., профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Дустбоев Ш. навишта шуда, аз тарафи раиси ҷаласа, н.и.и., дотсент, декани факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқ

Рустамов Ф.М. имзо гардида, 20-уми июни соли 2023, протоколи №10 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Хайрулло Холназар санаи 24-уми июни соли 2023 тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Сафоев Абдумаҷид Каримович ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи доктори дар мавзуи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ – тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои доктори ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда муаллифи он арзандаи дараҷаи илмӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад. Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Рӯйхати маводҳои илмӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз 65 номгӯ иборат буда, аз онҳо 4 монография, 2 китоби дарсӣ, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 44 мақолаҳо дар конфронсҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ба чоп расидааст, ки дар маҷмуъ 54 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**
**диссертатсия, монография ва дастурҳо**

[1-М]. Сафоев А.К. Мукаммалсозии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар соҳаи саноат дар шароити саноатикунонии

босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография / А.К. Сафоев. - Душанбе: «Ирфон», 2023. – 138 с.

[2-М]. Сафоев А.К. Стратегические направления привлечения государственных инвестиций в промышленность Республики Таджикистан. [Текст]: монография / А.К. Сафоев. - Душанбе: «Ирфон», 2019. – 129 с.

[3-М]. Сафоев А.К. Инновационно-инвестиционная стратегия развития Республики Таджикистан в условиях глобализации [Текст]: монография / О.Н. Рахимов, А.К. Сафоев. - Душанбе: «Ирфон», 2017. - 122 с.

[4-М]. Сафоев А.К. Механизма управления региональными инвестиционными проектами [Текст]: монография / А.К. Сафоев. - Душанбе: «Сохибкор», 2016. – 128 с.

[5-М]. Сафоев А.К. Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ [Матн]: китоби дарсӣ - барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Д.Б. Қодирзода, А.К. Сафоев. - Душанбе: «Саманд-2012», 2018. – 275 с.

[6-М]. Сафоев А.К. Иқтисодиёти ҷаҳон [Матн] Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Д.Б. Қодирзода, А.К. Сафоев. - Душанбе: «Соҳибкор», 2016. – 362 с.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд:**

[1-М]. Сафоев А.К. Роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2022. - №4. – С. 98-105. ISSN 2413-5151

[2-М]. Саидмуродов Л.Ҳ. Хусусиятҳои амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ: сарчашмаҳои маблаггузорӣ ва гурӯҳбандии хавфҳо [Матн] / Л.Ҳ. Саидмуродов, А.К. Сафоев // Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе, 2022. - №1 (30). – С. 12-21. ISSN 2663-0389

[3-М]. Сафоев А.К. Ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти сармоя ва сиёсати сармоягузорӣ [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гума-нитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. - №1/2(98). – С. 244-252. ISSN 2663-5534

[4-М]. Сафоев А.К. Усулҳои ташкилкунӣ ва амалинамоии сиёсати давлатии ҷалби сармоя ба саноат [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. – № 1 (40). – С. 222-231. ISSN-2308-054X

[5-М]. Сафоев А.К. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: "Сино", 2022. - № 2. – С. 208-217. ISSN 2413-5151

[6-М]. Сафоев А.К. Классификация рисков и механизм разработки инвестиционных проектов в регионах Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. – № 4 ҷилди 2. (39). – С. 208-220. ISSN-2308-054X

[7-М]. Сафоев А.К. Особенности управления региональными инвестиционными проектами в промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. – № 4.1. – С. 74-84. ISSN 2310-3957

[8-М]. Қодирова Г.Т. Оценка региональных инвестиционных проектов и путы повышения эффективности инвестиционной деятельности в сфере промышленности [Текст] / Г.Т. Қодирова, А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: «Сино», 2020. – № 7. – С. 60-66. ISSN-2413-5151

[9-М]. Сафоев А.К. Совершенствование государственной политики стимулирования инвестиций в сфере промышленности Республики Таджи-кистан [Текст] / А.К. Сафоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. - №1. - С. 79-85. ISSN 2310-3957

[10-М]. Сафоев А.К. Инновационно-инвестиционные аспекты индустри-ализации экономики Республики Таджикистан в современных условиях

[Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Қисми 1. - Душанбе: «Сино», 2019. – № 5. – С. 71-76. ISSN 2413-5151

[11-М]. Сафоев А.К. Анализ современного состояния и оценка экономической безопасности развитие пространственной экономики регионов Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – № 3 (24). – С. 125-132. ISSN-2308054-X

[12-М]. Сафоев А.К. Анализ государственных инвестиций в промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – № 4 (25). – С. 106-113. ISSN-2308054-X

[13-М]. Сафоев А.К. Проблемы привлечения иностранных инвестиций в долгосрочные региональные инвестиционные проекты [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: «Сино», 2013. – №2/6 (120). – С. 65-69. ISSN 2413-5151

[14-М]. Ҷабборов Ф.А. Микроэкономические аспекты формирования инвестиционной политики [Текст] / Ф.А. Ҷабборов, А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Қисми 1. - Душанбе: «Сино», 2013. – 2/4 (114). – С. 62-67. ISSN 2413-5151

[15-М]. Сафоев А.К. Необходимость совершенствования государственной инвестиционной политики в стратегии развития промышленности Республики Таджикистан [Текст] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Қисми 1. - Душанбе: «Сино», 2012. - № 2/8(100) – С. 157-162. ISSN 2413-5151

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:**

**1.Самандарзода И.Ҳ.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

1. Ба манфиати кор мебуд, агар докторант механизми пешниҳодшудаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатро мушаххастар нишон медод;

2. Дар автореферат ба дурнамои самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои нобаробар рушдёфта таваҷҷӯҳи махсус дода нашудааст.

**2. Қандиёрова Д.О.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар таҳқиқоти илмӣ аз тарафи докторант барои баҳодиҳӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ усули мувофиқ - арзиши ҷории соф (Net Present Value – NPV) истифода гардидааст, аммо ба мақсад мувофиқ мебуд, агар аз ҷониби муаллиф усулҳои дигари баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба монандӣ аз рӯи муҳлати бозпардохт (Pay Back Period – PBP), аз рӯи меъёри дохилии даромаднокӣ (Internal Rate of Return – IRR) ва аз рӯи коэффитсиенти даромаднокӣ (Profitability Index – PI) истифода мегардид;

2. Дар автореферат нақши лоиҳаҳо ва барномаҳои стратегӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нишон дода нашудааст;

**3. Обидзода Ф.С.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Депутати Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферати диссертатсия лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок ба таври пуррагӣ барои рушди кишвар таҳлил карда нашудааст;

2. Дар автореферати диссертатсия дар расмҳои 13 ва 14 мувофиқан,ояндабинии ҳаҷми сармоягузорӣ ваояндабинии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таҳлилҳои асоснокгардида оварда шудааст, аммо нишон дода нашудааст, ки оё инояндабинӣ тавассути амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ба саноатикунонии босуръат мусоидат менамояд.

**4. Шамсиев Қ.Б.** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори ҶДММ Шамсу Қамар ЛТД бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

1. Дар автореферати диссертатсия такмили низоми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мушаххаси саноати кишвар пурра нишон дода нашудааст;

2. Ҳангоми таҳлили автореферати диссертатсия чунин ба назар мерасад, ки аз тарафи докторант паҳлуҳои гуногуни самти соҳаҳои саноати кишвар амиқ таҳлил нагардидааст;

3. Дар автореферати диссертатсия чораҳои мушаххас оид ба такмил ва тақсимбандии самаранокии фоидаи ба даст овардашуда аз лоиҳаҳои сармоягузории татбиқшаванда дар минтақаҳои кишвар нишон дода нашудааст.

**5. Набиев Т.Т.** – д.и.и., профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд менамояд:

- дар баробари нуктаҳои афзалиятдоштаи рисолаи докторӣ хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия ба ҷанбаҳои институтсионалии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат таваҷҷӯҳ бештар мегардид.

**6. Комилов С.Ҷ.** - д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, академики Академияи байналхалқии илмҳои мактабҳои олӣ чунин нуктаҳо қайд гардидааст.

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар муаллиф мафҳуми худи лоиҳаро аз ҷиҳатӣ назариявӣ таҳлил менамуд;

2. Дар автореферати диссертатсия оид ба ҷанбаҳои гуногуни саноатикунонии босуръат қайд гардидааст, аммо ба манфиати кори илмӣ мегардид, агар докторант оид ба Нақшаи амалиётии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 низ таҳлилҳои мушаххас гузаронида ва хулосагирӣ менамуд;

3. Мувофиқи мақсад мебуд, агар муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ аз таҷрибаи нокомӣ ва самаранокии лоиҳаҳои

сармоягузорие, ки дар давлатҳои хориҷӣ татбиқ мешаванд, истифода менамуд.

**Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, каме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.**

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссия ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ бо назардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- ҷанбаҳои назариявӣ** - категорияҳо ва фарзияҳои бунёдие мебошанд, ки дар асарҳои олимони классикӣ ва муосири ватанию хориҷӣ, инчунин дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии Ҷумхурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ пешниҳод гардидаанд.

**- усулҳои гуногуни** – усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, иқтисодӣ-оморӣ, монографӣ, таърихӣ ва мантиқӣ, институтсионалӣ, индуксия-дедуксия ва динамикӣ, инчуни моделсозии иқтисодӣ-математикӣ истифода шудаанд;

**- дар натиҷаи** таҳқиқот муқаррароти бунёдии олимони ватанӣ ва муҳаққиқони мамолики дигар дар идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории саноат, баррасии масъалаи тавсеаи фазоии саноатӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар асоснок карда шудааст;

- **ҷанбаҳои назариявӣ** ва моҳияти иқтисодии такмили низоми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо роҳҳои баланд бардоштани сифати таҳия ва татбиқи онҳо ва истифодаи механизми дусатҳаи идоракунии онҳо, инчунин муайян намудани самтҳои ҳадафноки стратегӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамоянд;

- **дезагрегатсияи** мафҳуми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат имконият медиҳад, ки гурӯҳбандии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ арзёбӣ гардида, зарурияти банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории минтақавии афзалиятдошта, ҳамчун механизми идоракунии тавсеаи фазои саноатии кишвар асоснок карда шавад;

- **дар асоси таҳлили индекси** рушди солонаи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, сохтори истеҳсоли маҳсулот аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии саноат, вазни қиёсии минтақаи алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар, ҳолати кунунии раванди саноатикунонии босуръати минтақаҳои кишвар **муайян карда шуд;**

- **барои бештар самаранок** истифода бурдани иқтидори ашёи хом ва бойгарии табиии минтақаҳо, баланд бардоштани ҳиссаи лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ дар раванди саноатикунонии босуръат дар ҳар як минтақаи кишвар пешниҳод карда шудааст, ки Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат бояд созмон дода шуда ва фаъолияти он бо Шӯроҳои маҳаллию минтақавии соҳибкорию сармоягузории амалкунанда ҳамоҳанг карда шавад;

- **баҳодиҳии самаранокӣ ва идоракунии** давлатии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат, дар баробари Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо назардошти иерархияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа ва зиёд

намудани ҳиссаи саноати коркард дар сохтори саноати мамлакат, пешниҳод гардидааст, ки Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат таҳия ва қабул карда шавад;

**- механизми дусатҳаи** идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳамчун зарурияти объективӣ нишон дода шудааст;

**- самтҳои ҳадафноки** стратегии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат муайян карда шудаст.

**Дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои олимон** таҳқиқи масъалаҳои умумии назариявӣ ва методологии таҳқиқоти раванди сармоягузорӣ, аз ҷумла дар шароити саноатикунонии босуръат бештар дар асарҳои олимони тоҷик академикони АМИТ Қаюмов Н.Қ, Назаров Т.Н., Нарзиқулов И.Қ., Раҳимов Р.К., Саидмуродов Ҳ.М., инчунин Алиджанов Дж.А., Removed Бобоҷонов Д.Д., Саидмуродзода Л.Ҳ., Ҳабибов С., Давлатов Қ.Қ., Муҳаббатов Х.М., Одинаев Ҳ.А., Хоналиев Н.Х., Бердиев Р.Б., Қандиёрова Д.О., Комилов С.Ҷ., Мирсаидов А.Б., Низомова Т.Д., Исмоилов А.А., Қурбонов С.Н., Қодирзода Д.Б., Муқаддасзода Ф.М., Нуров Ш.С., Раҳимзода Ш.М., Умаров Ҳ.У., Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ., Шерова Н.Д., Шарипов У.А., Солеҳзода (Солиев) А.А., Сафаров С.Г., Тағоев Ҷ.Х., Аброров Ҳ., Азимов П.Ҳ., Баротзода Ш.М., Бақоев Ш.С., Бегматов З.Р. ва дигарон ба мушоҳида мерасад. Онҳо паҳлуҳои гуногуни идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, масъалаҳои назария, сохтор ва миқёси ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин таъсири онҳо ба саноатикунонии босуръати кишварро мавриди таҳлил қарор додаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти** мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳамчун заминаи коркардҳои илмӣ дар фаъолияти амалӣ ва таҳияи минбаъдаи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар раванди идоракунии татбиқи лоиҳаҳои

сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар ба инобат гирифта шаванд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадстовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин ифода меёбад, ки муқаррарот ва хулосаҳои илмии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда дар таълими як қатор фанҳои иқтисодӣ, аз қабили "Сармоягузории байналмилалӣ", "Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ", "Менеҷменти молиявӣ", "Муносибатҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ", инчунин ҳангоми хондани маърузаҳо дар курси махсус оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръат ба ихтисосҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбии кишвар ва дигар фанҳо истифода шуда метавонанд. Дар асоси муқаррароти илмии бадастомада ва тавсияҳои амалӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, мақомоти идоракунии соҳаҳои даҳлдор метавонанд санадҳои меъёрӣ, барномаҳои рушд, барномаҳои мониторинг ва дастурамалҳоро оид ба такмили сиёсати муассир ва муттасилро дар соҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, андешидани тадбирҳои зарурииро барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар, инчунин таҳияи лоиҳаҳои сармоягузории самти саноатро бо амиқ муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таҳия намоянд. Муқаррароти алоҳидаи кор метавонанд барои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба хусусиятҳои идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар заминаи муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва таъмини афзоиш ва такмили сохтори сармоягузорӣ дар асоси низоми иҷтимоию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ аз принсипҳои ҷолибияти сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ,

фаъолсозии сармоягузорӣ, иқлими сармоягузорӣ ва лоиҳаи сармоягузорӣ, ҳамчун нишондиҳандаи вазъи кунунии он иборат мебошад. Ҳамчунин, пешниҳодҳои муаллиф оид ба ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат ба воситаи истифодаи усулҳои барномавӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, институтсионалӣ-молиявӣ ва ниҳоят усулҳои хавф ва кафолатнокии давлатӣ тавассути эълони ҳадаф ва барномасозии мақсадноки соҳа асоснок карда шудааст.

Докторант мафҳуми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи минтақа ва ҷумҳуриро дезагрегатсия намудааст. Инчунин, татбиқи принсипи саноатикунонӣ дар рушди стратегии кишвар тавассути эълони ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат асоснок карда шуда, якчанд муаммоҳои рушди соҳаи саноат пешниҳод гардидааст.

Нишондиҳандаҳои муайянкунандаи тамоюли тавсеаи фазои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди саноат ҷудо карда шудааст. Гурӯҳбандии пешниҳодгардида зарурияти равона намудани ҷараёни сармоягузориҳои ҷалбшуда ба минтақаҳои нисбатан камрушди мамлакатро асоснок менамояд. Дар рафти таҳқиқот муайян карда шудааст, ки таҳия ва татбиқи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД) ҳамчун усули барномавии маблаггузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар рушди бахши инфрасохтор барои саноатикунонии босуръати мамлакат, инчунин воситаи кафолати давлатӣ ҳангоми ҷалби сармояҳо, баромад мекунад.

Дар раванди банақшагирии пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба мақсади тавсеаи фазои саноатии кишвар ба воситаи зиёд гардонии миқдори лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ, саҳми лоиҳаҳои сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ барои рушди инфрасохтори саноати коркард бояд бештар пешниҳод карда шаванд.

Таҳлили ҳолати кунунии раванди саноатикунонии минтақаҳои кишвар дар асоси якчанд нишондиҳандаҳо муайян гардид, ки дар фаъолияти Шӯроҳои маҳаллию минтақавии рушди соҳибкорию сармоягузорӣ ва Шӯрои машваратӣ оид ба рушди соҳаи саноат масъалаҳои рушди соҳибкории

истеҳсолӣ ва бунёди инфрасохтори истеҳсолӣ, принсипи ҳамоҳангсозӣ, ҳамчун принсипи идоракунии асосии раванди тавсеаи фазои саноатии кишвар баромад намояд;

Аз тарафи докторант дар таҳқиқотҳо қайд гардидааст, ки бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мақоми лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат зарурияти таҳия ва қабули Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ, ҳамчун воситаи банақшагирии индикативӣ дар доираи усули барномавии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ пешбинӣ мегардад. Инчунин, механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, унсури ҳамгироикунандаи мақсадҳои рушди сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузорӣ буда, дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ҳамчун зарурияти объективӣ мебошад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ғояи асосии диссертатсия дар асоси дастурҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва андешаи олимони соҳаи иқтисодиёт, ҳамчунин, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар самти таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф, асоснок карда шудаанд.

- хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд;

- маълумотҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда дақиқ буда, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ кифоя мебошад ва аз ҷониби муаллиф коркарди омории маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ мақсаднок сурат гирифтааст;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмии бонуфуз интишор гардидаанд, ки моҳияти таҳқиқоти диссертатсиониро оид ба масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръатро собит менамоянд;

- пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ба ҳалли масъалаю мақсадҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 равона карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот аз интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳои оморӣ, интихоб ва иҷрои талаботҳои зарурии тартиби нишон додани адабиёт, муайян кардани мақсад ва иҷрои вазифаҳо, бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили васеъи назарияи сармоягузорӣ ва нақши лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноатикунонии босуръати кишвар, бо назардошти ҳадафҳои стратегии рушд, тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод гардидааст.

- муқаррароту хулосаҳо ва нуқтаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва конференсияҳое, ки дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор гардиданд, муҳокима шуда, сазовори баҳои мусбӣ гардидаанд;

- муқаррароту хулосаҳо ва нуқтаҳои муҳими диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмиллалӣ, семинару конфронсҳои дохилидонишгоҳии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010 – 2023 ироа гардидаанд;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 65 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ 864 саҳ., аз ҷумла, 4 монография, 2 китоби дарсӣ ва 15 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳаҷми 54 ҷ.ч. нашр гардидааст;

- натиҷаҳои кори диссертатсиониро муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2010 – 2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 аз санаи 05.09.2023 қарори сазовор донистани Сафоев Абдумаҷид Каримович бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯии ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз онҳо ҳуқуқи овоздиҳи 11 нафар аъзо доранд, аз он ҷумла, 5 на доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионии**
**6D.KOA-017 назди ИИД АМИТ, д.и.и.** Ш.Б. Ҷонмамадов

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии**
**6D.KOA-017 назди ИИД АМИТ, н.и.и.** К.О. Бобоев

«05» сентябри соли 2023